**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)»**

Ҳарчанд солҳои охир таваҷҷуҳи бештари донишмандони ватаниву хориҷӣ ба омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осори суханварони ориф ва фанни номанигорӣ ба назар мерасад, вале то ҳол масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки ниёз ба таҳқиқ доранд. Омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгору осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, бахусус, таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии “Номаҳо”-и ӯ аз зумраи ҳамон мавзуоти мушкил ва камомӯхташуда мебошанд, ки дар атрофи зиндагинома ва осори ӯ миёни муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ ихтилофи назарҳо ҷой доранд. Бояд иқрор шуд, ки то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври алоҳида ва муфассал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода нашуда ва саҳми ӯ дар рушди адабиёти ирфонӣ ва таҳаввули номанигорӣ муайян карда нашудааст. Аз ин нигоҳ, диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович иқдоми сарвақтӣ ва хеле муфид барои адабиётшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, метавонад ҷойгоҳи “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадониро дар насри форсу тоҷики асри XII муайян карда, саҳми ӯро дар рушди адабиёти тасаввуф ва таҳаввули номанигорӣ муқаррар созад.

Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович аҳаммияти зиёди назариявӣ ва амалиро молик буда, бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои куҳан ва боэътимоди арабӣ ва форсӣ, тарҷума ва баргардони онҳо ба забони тоҷикӣ ва хатти кириллӣ, омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия ва муқоисаи онҳо, муайян ва баррасӣ намудани марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввул, расм ва одоби номанигорӣ аз давраи пайдоиш то асри XII, бо такя ба осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва сарчашмаҳои қадиму боэътимод аниқ кардани ном, кунияту лақаб, замони таваллуд ва шаҳодат, мероси илмӣ ва адабии мафқуду мавҷуд ва осори мансуб ба ин суханвари ориф, муаррифӣ ва муайян намудани арзиши нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и ӯ, ошкор кардани вижагиҳои адабиву услубӣ, мухтассот ва таъсирпазирии «Номаҳо»-и Айнулқузот аз забони арабӣ, истишҳоди ашъори зиёди форсӣ ва арабии суханварони қарнҳои VII-XII дар «Номаҳо» ва бо такя ба девони ашъори суханварони қарнҳои мазкур муайян

намудани муаллифи аслии чанде аз онҳо, муайян сохтани арзиши «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар матншиносӣ, тасҳеҳ ва таҳияи ашъори форсии шуарои асрҳои IX-XII саҳми шахсӣ ва бевоситаи муаллифро оид ба мавзуи интихобнамуда инъикос менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои пажуҳиши мазкур дар беш аз 30 ҳамоишҳои байналхалқиву ҷумҳуриявӣ, 1 монография ва 65 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз онҳо 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар хориҷ аз кишвар ба нашр расидаанд.

Сохтори диссертатсия ҷавобгӯ ба талаботи таҳияи рисолаҳои докторӣ буда, аз муқаддима, чор боб, 17 фаслу 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст ва 382 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ ва ғ. сухан рафтааст, ки мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар боби якуми рисола, ки «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ» унвон гирифтааст, муаллиф дар чор фасл дар атрофи зиндагинома ва рӯзгори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, мероси илмию адабӣ, аз ҷумла осори гумшуда, осори мавҷуда ва осори мансуби ӯ баҳс намудааст. Муаллифи рисола дар фасли якуми боби мазкур бо такя ба “Маҷмаъ-ул-одоб”-и Ибни Фуватӣ ва сарчашмаҳои дигари боэътимод таъкид сохтааст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ соли 490ҳ.қ. таваллуд шуда, соли 525ҳ.қ. дар синни сиюпанҷсолагӣ аз дасти Абулқосими Даргузинӣ – вазири Султон Маҳмуди Салҷуқӣ ба шаҳодат расидааст (саҳ. 14-16).

Дар боби дуюм, ки «Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ном дорад, муҳаққиқ дар чор фасл ва се зерфасл дар хусуси пайдоиши хат ва пайванди он бо оғози номанигорӣ, расму оини номанигорӣ ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ аз аҳди Сосониён то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳс намудааст. Аз таҳқиқот ва хулосаҳои илмии муаллифи рисола маълум мегардад, ки “Қадимтарин номаҳои девонии форсӣ, ки то мо расидаанд, номаҳое мебошанд, ки дар аҳди Султон Масъуди Ғазнавӣ нигошта шудаанд ва намунаҳои он номаҳои Абунасри Мушкон – соҳибдевони расоили Султон Маҳмуд ва Султон Масъуди Ғазнавӣ мебошанд, ки дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» ҷой доранд” (саҳ. 23) ва муҳимтарин давраи муншаотнависӣ, тараққӣ ва ривоҷи фанни номанигории форсӣ-тоҷикӣ давраи Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён буда, «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷибуддини Бадеъ, «Ароис-

ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир», «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ил-ашъор»-и Рашидуддини Ватвот, «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддини Бағдодӣ ва «Макотиб»-и Саноии Ғазнавӣ, «Номаҳои форсӣ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, «Муншаот»-и Хоқонии Шарвонӣ, «Номаҳо»-и Маҷдуддини Бағдодӣ аз ҷумлаи муншаоти маъруфи девонӣ ва ғайридевонии давраҳои мазкур мебошанд (саҳ. 23-24).

Боби сеюми рисола «Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ», ки аз чор фасл ва панҷ зерфасл иборат аст, перомуни вижагиҳои адабию услубӣ ва мухтассоти насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва фарқи «Номаҳо»-и ӯ аз муншаоти девонӣ ва ихвониёти асрҳои қаблӣ ва аҳди худи суханвар баҳс мекунад. Аз хулосаҳои илмии муаллифи рисола маълум мешавад, ки «Насри номаҳои Айнулқузот ба зоҳир оҳанги тунду сахт доранд, аммо, дар маҷмуъ, забони номаҳояш, бе ҳеч муболиға, бисёр равону ширин, дилкаш ва дорои мусиқии хос аст, ки гоҳе назму шеър ва насри шоиронаро мемонанд", «Номаҳо»-и Айнулқузот бинобар он, ки ба унвони ёрону бародарон ва муридон навишта шудаанд ва ё дар посух ба пурсишҳои онон иншо гардидаанд, ба худ номи «мактуб» ё «нома»-ро гирифтаанд, аммо дар асл онҳо рисолаеро мемонанд, ки муаллиф тайи онҳо нуктаҳои муҳимми ирфониро бо истифода аз ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ баён намудааст" (саҳ. 25).

Боби чорум, ки «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ» ном дорад, аз панҷ фасл ва се зерфасл иборат буда, аҳамияти зиёди матншиносӣ ва нусхашиносӣ дорад. Дар фасли аввали ин боб унвонҷӯ дар атрофи 9 нусхаи хаттии "Номаҳо"-и Айнулқузот, ки дар китобхонаҳои Туркия, ҶИЭ, Лондон ва Париж маҳфузанд ва акси нусхаҳои мазкур, ки дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигоҳдорӣ мешаванд, баҳс намуда, аҳаммияти онҳоро дар таҳия ва нашрҳои илмию интиқодӣ таъкид кардааст. Дар фасли дувум муаллифи рисола назари интиқодии худро нисбат ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузот баён дошта, хатоҳои матншиносии онро дар муқоиса бо нусхаҳои хаттӣ ошкор ва тасҳеҳ намудааст. Фасли сеюми боби мазкур дар атрофи аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ баҳс мекунад. Муаллиф ин ҷо «Номаҳо»-и Айнулқузотро ягона ва куҳантарин сарчашмаи адабие медонад, ки дар бораи урафо ва машоихи маъруф, ба монанди Шайх Баракаи Ҳамадонӣ, Шайх Фатҳа, Хоҷа Аҳмади Ҳаммуя, Юсуфи Омирӣ ва Шайх Абулҳасани Бустӣ маълумоти пурарзиш медиҳанд (саҳ. 34).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия муаллиф дар 30 банд натиҷаҳои илмии таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи худро баён намуда, оид ба истифодаи амалии онҳо дар 9 банд тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст.

Бо вуҷуди афзалиятҳои чашмрас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1., Хуб мешуд, муаллиф дар яке аз зерфаслҳои боби дуюми автореферати диссертатсия, ки «Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо» унвон дорад (саҳ. 19), дар бораи умумият ва фарқияти маношир, фатҳнома, аҳднома, савганднома, васиятнома, султониёт, ихвониёт, тавқеот ва таслиятнома бештар баҳс намуда, барои шоҳид намунаҳо меовард.

2. Ҷое унвони китоби Ҷоҳиз ба ду шакл, яъне «ал-Баён ва-т-табйин» ва «Ал-баён ва-т-табйин» (саҳ. 20) омадааст, ки ба ҳамгунӣ ниёз дорад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намекунанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулкузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков
Лоло Мирзоевич

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992) 93-192-48-84

Имзои д.и.ф., профессор Давлатбеков Л.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Суроға: 734019, ш.Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992 37) 232-50-03; 232-50-00
Сомонаи расмӣ: www.ddzt.tj E-mail: ddzt@ddzt.tj
«08» майи соли 2024

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС